**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2023. – 194 с.**

Пажуҳиш ва баррасии осори манзум, таҳлили ҳамаҷонибаи ҷузвҳои он аз нигоҳи забоншиносӣ, нишон додани ғановати забони адибон кори бисёр муҳим аст. Таҳқиқи осори адибони ҳар як асру давр дар муайян намудани воситаҳои лексикӣ ва грамматикии забони адабӣ, равшан кардани тараққиёти он нақши асосиро бозида метавонад.

Дар соҳаи таҳлилу таҳқиқи забони осори адибони классик ва муосири форсу тоҷик донишмандони забоншинос як силсила рисола ва асарҳо таълиф намуда, оид ба масъалаҳои ҷудогонаи забони адабии тоҷик, таърих ва грамматикаи он фикру мулоҳизаҳо баён кардаанд. Вале осори таҳқиқотии мавҷуда ҳанӯз нокифоя буда, фарогири тамоми ҷанбаҳои мавзуи мазкур буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, зарурати таҳлилу таҳқиқи забони осори адибон ҳамарӯза дар назари аҳли илм аст. Дар хазинаи пурарзиши осори адибони тоҷик то айни замон асарҳои зиёди таҳқиқталаб мавҷуданд. Масалан, баъзе ҷиҳатҳои осори пурғановати устод Садриддин Айнӣ аз лиҳози илми забоншиносӣ то айни замон мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Ба рисолаи Имамбердиева Саломат Менгликуловна аз ҳамин мавқеъ баҳо бояд дод.

Номшиносӣ (ономастика) як ҷузъи ҷудонопазири таърихи миллат ва баёнгари давраҳои мухталифи рушду инкишофи забону фарҳанги ҷомеа ба шумор меравад ва пажуҳишу омӯзиши ҳамаҷонибаи он яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир маҳсуб мегардад, зеро антропониму топонимҳо маълумотномаю иттилооти гуногунрангу мухталифҷанбаи таърихиро аз қаъри асрҳо ба имрӯзиён мерасонанд. Аз ин ҷост, ки вазъу мавқеи забон аз лиҳози илмиву адабӣ ва таърихӣ вақте куллан рӯшан мегардад, ки маводи ономастикии асарҳои насри классикӣ, девони ашъори намояндагони илму адаб ва насри адабиёти муосир низ дақиқан омӯхта шаванд. Раванди мазкур тайи солҳои охир ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии тоҷик мубаддал гардида, дар ин ҷода таълифоти зиёд аз ҷониби муҳаққиқони соҳа анҷом дода шудаанд.

Кори диссертатсионии мазкур аз 194-саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, дар муқаддима аҳаммияту навоварии таҳқиқот асоснок гардида, мақсад, вазифа ва фарзияҳои муаллиф пешниҳод карда шудааст.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба таҳқиқи мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» бахшида шудааст. Бинобар ин диссертатсия ба ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ дар он аст, ки** муаллифи диссертатсия маводи ономастикии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айниро дар номшиносии тоҷик чун идомаи корҳои пешин ба анҷом расонида, дар шакли таҳқиқоти мукаммал, яъне диссертатсияи илмӣ ба таври системанок таҳқиқ кардааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он таҷассум меёбад, ки бори нахуст ономастикаи яке аз асарҳои пурмуҳтавои устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо» аз нигоҳи маъно, баромад, ташаккул ва сохтор, формантҳои антропониму антротопонимсоз ва гурӯҳҳои семантикӣ таҳқиқ гардида, дар диссертатсия антропониму антротопонимҳои таърихии мансуби ашхос ва мавзеъҳо, сайри таърихиву ҷуғрофии ин мавзеъҳои марбут ба номи одамони асар (антротопонимҳо) дар асоси нигоштаҳои муҳаққиқони пешин ва муосир, тафсири ҳудуди ҷуғрофӣ, таърихии ин сарзамин, номи одамон дар «Ёддоштҳо» дар маҷмуъ таҳқиқ гардидаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назарии рисола дар он зоҳир мешавад, ки тавассути таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои луғавии ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ роҷеъ ба баъзе вижагиҳои луғавӣ ва услубии забони адабии тоҷикӣ, ба хусус, роҷеъ ба қабатҳои луғавии забони тоҷикӣ, ки маводи ономастикӣ дар он нақш дорад, кори таҳқиқотӣ анҷом дода, хулосаҳои илмии ба даст омадаро дар таълифи китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ ва ҷуғрофияи таърихию муосири ин сарзамин, инчунин дар таҳияи фарҳангу луғатномаҳои ономастикӣ метавон истифода кард. Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсияи мазкурро дар дарсҳои назариявӣ, дар курсу машғулиятҳои амалии таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ, шевашиносӣ, таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар факултетҳои филология, забонҳои Осиё ва Аврупо, таърих, ҳуқуқшиносӣ ва дигар риштаҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст ва, ҳамчунин, вожаҳои махсуси ономастикиро дар фарҳангномаҳо чун мавод истифода намудан мувофиқи мақсаду матлаб хоҳад буд.

Боби якуми диссертатсия **«Баррасии вижагиҳои луғавии антропонимҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** унвон дошта, аз панҷ фасл иборат аст.

Фасли **якуми** боби якум, **«Антропонимҳои ифодагари мифонимҳо, номи пайғамбарону чеҳраҳои динӣ ва таърихӣ»** унвон гирифтааст.

Муҳаққиқ таҳлилро хеле амиқ ба роҳ монда, зикр намудааст, ки дар мифология ё устураи ориёинажодон тотемаи асп мавқеи асосиро ишғол менамудааст. Ва номҳое, ки аз тотемаи асп сарчашма мегиранд танҳо ҳамчун лақаб ба шахсони машҳур гузошта мешудааст: Арчосп (дар китоби муқаддаси «Авесто» Аречатаспа – дорандаи аспи гаронбаҳо, арҷманд), Гушнасп (дар китоби муқаддаси «Авесто» Отургушнасп – соҳиби аспи нар), Гуштосп (дар китоби муқаддаси «Авесто» Виштоспа – аспсавор, яъне решаи ин вожа аз забони ф.б. vista – савор, русӣ – всадник ва ҷузъи spa<ф.б. spa, авест. asva, скт. asva – асп, соҳиби аспи мода), Гаршосп (дорандаи аспи лоғар), Луҳросп (дорандаи аспи тунд), Таҳмосп (дорандаи аспи тануманд) (с. 21).

Муҳаққиқ фасли дуюми боби якумро **«Антропонимҳои ифодагари номи шоҳон, шоҳзодагон ва аъёну ашрофи дигар»** номгузорӣ намуда, дар он таваҷҷуҳи худро ба масъалаи баррасии антропонимҳои ифодагари номи шоҳон равона сохта, ҳамчун намуна номи шоҳонро аз асари «Ёддоштҳо» оварда тавонистааст, аз қабили **Абдулфайзхон, Шоҳмурод, Раҳимхон, Амир Абдулаҳад, Абдулвоҳид, Музаффар, Муродбек, Сафӣ, Қарабек, Ҳайдарқул** ва ғайра, ки ин аз ғановатмандии забони асари «Ёддоштҳо» гувоҳӣ медиҳад (с. 39).

Дар фасли сеюми боби якум, ки **«Антропонимҳои баёнгари номи адибону донишмандон ва фозилони давр»** унвон дорад, рисоланавис диққати хешро бештар ба баррасии антропонимҳои баёнгари номи адибону донишмандон равона сохта, номи зиёди удабо, уламо ва шуарои пешину муосирро бо некӣ ва бо ягон хислати нексшон ба қалам додааст, ки хеле ҷолиб ва як маълумоти таърихӣ низ маҳсуб меёбад, аз қабили Тутапошшо, Икромхоҷа, Ҳомидхоҷа, Султонпошшо, Шайх Саъдӣ, Ҳабиба, Соиби Исфаҳонӣ, Бедил ва ғайра.

Фасли чоруми боби якум **«Антропонимҳои марбут ба номи пешаварони соҳаи гуногун»** номгузорӣ гардида, дар ин фасл номҳоеро овардааст, ки устод Садриддин Айнӣ дар онҳо вожаҳои ифодакунандаи суннатҳои пешини мардумиро ҳамроҳ намудаанд. Аз қабили, Эргаш-пахтаҷаллоб, Усто Барот – ҳалвогар, Ҳидоятхоҷа (Устохоҷа, Усто амак), Сайидакбар, Сайид Акбархоҷа, «Парвардигорхӯҷа» (писари калонии Устохоҷа), Устодӯстбои қаландгар, Назруллобой (ҳалвогар) ва ғайра (с. 58-60).

Фасли панҷуми боби якумро рисоланавис **«Антропонимҳои ифодагари номи пайвандони адиб дар асар»** номгузорӣ намуда, қайд кардааст, ки дар асар чунин антропонимҳои марбути пайвандон хеле зиёд мавриди корбурд қарор гирифтаанд, аз қабили Сайидмуродхоҷа – падари адиб, Сайид

Умархоча – бобои падарии адиб, Зеварой – модари муаллиф, Эргаш (ширхора бо бародари калонӣ), Мухиддин – бародари муаллиф, Курбонниёз – тағоии муаллиф, Алихон – тағоии хурдии Айнӣ. Равшанниёз – тағоии Айнӣ, Абдуллохоча – амаки падари Айнӣ. Сирочиддин – додари хурдии Айнӣ, Сайид Ахмадхоча – бобои падараш, яъне бобокалони Айнӣ, Киромиддин – додари хурдии Айнӣ ва ғайра (с. 64-68). Бо ин васила нишон дода тавонистааст, ки устод Садриддин Айнӣ, ки бештар миёни халқ буданд, ҳатто дар асари нодирашон «Ёддоштҳо» он номҳоеро интихоб кардаанд, ки бештар вижагии гуфтугӯйиро ба худ касб намудаанд.

Боби дувуми диссертатсия **«Баррасии тобишҳои маъной-услубӣ ва омории ономастикаи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** унвон дошта, аз 2 фасл таркиб ёфтааст. Дар пешгуфтори ин боб роҷеъ ба тобишҳои маъной-услубӣ ва омории маводи ономастикӣ сухан меравад.

Фасли аввали боби дуюм **«Ономастикаи асар ифодагари маънои гуногуни услубӣ»** ном дошта, дар он муҳаққиқ бевосита диққати худро ба баррасии масъалаи нақши ономастикаи асар дар инъикоси манзара равона сохта, зикр намудааст, ки дар асари мавриди таҳқиқ қароргирифта чунин номвожаҳоро дучор шудем, ки дар инъикоси манзараи табиат нақши калидӣ доранд, яъне онҳо чун меҳвар дар матн қарор гирифта, дар пояи онҳо адиб роҷеъ ба манзараи он, рӯйдоди ҳодисаву воқеа баёни андеша кардааст: Абдуллохон (мадраса), Азизобод (деҳа), Ашурихона (чорбоғ), Бобои Нонкаш (гузар), Боғи Афзал (деҳа), Бозори Хуча (гузар), Воқеаи Колесов, Гузари Мирзо Ғафур ва ғайра. Дар ин маврид муҳаққиқ тавонистааст дар рисола маҳорати беҳамтои забондонии устод Садриддин Айниро тасвир намояд (с. 74-78).

Фасли дуюми боби дуюм бо унвони **«Ономастикаи асар ва таҳлили омории онҳо»** ёд мешавад. Рисоланавис дар ин фасл зикр намудааст, ки дар забоншиносӣ яке аз усули таҳқиқ таҳлили оморӣ ё баршуморӣ маҳсуб меёбад ва ин усул як қарат ҷанбаи илмии таҳқиқотро афзун мекунад. Дарвоқеъ, дар асари «Ёддоштҳо» номвожаҳои мурбут ба ҷуғрофия ва номи ашхос ниҳоят фаровон корбурд гардидааст. Сабаби зиёд истифода гардидани баъзе номвожаҳо дар асар аз нигоҳи зарурат буда, барои мушаххас нишон додани ин ё он воқеа муаллифи асар онҳоро мавриди корбурд қарор додааст.

Дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ воҳидҳои луғавие ба назар мерасанд, ки муаллиф онҳоро барои ифодаи воқеаҳои таърихӣ, ҳодисаҳои муҳим мавриди истифода қарор дода, омори онҳоро низ муайян кардааст, ки аз ҷумла антропонимҳои асар аз 433 оним ё номи ашхос иборат аст. Бояд гуфт, ки дар байни онҳо бо номи одамон истифодашавии ҷойномҳо бештар буда, онҳоро муҳаққиқ ба чандин

зергурӯҳҳо ҷудо кардааст: **номи мадрасаҳо:** Абдуллохон, Мадрасаи Бадалбек, Мадрасаи Мирзо Улуғбек, Мадрасаи Ҷаъфархоҷа, Муҳаммадалӣ-ҳоҷӣ; **номи деҳаҳо:** Азизобод, Деҳнави Абдуллоҷон, Дешиҳ, Маҳаллаи Шофирком. Сайидато; **номи мазору зиёратгоҳҳо:** Қутайба, Мазори Баҳоуддини Нақшбанд, Мазори Хоҷа Исҳоқи Калободӣ, Пуштаи Биҳиштиён, Хоҷа Абдухолиқи ғиждувонӣ ва ғайра (с. 100-105).

Боби сеюми диссертатсия **«Баррасии сохторӣ ва мансубияти забонии номвожаҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** унвон дошта, аз 2 фасл таркиб ёфтааст. Дар муқаддимаи боб доир ба мазмуну мундариҷаи ин боб сухан рафта, истилоҳи ҳамин соҳа мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Фасли **якуми** боби сеюмро муҳаққиқ **«Баррасии сохтории ономастикаи асар»** номгузорӣ намуда, дар он ба баррасии масъалаи онимҳои содаи асар: Эргаш, Муҳиддин, Барот (Усто Барот), Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш, Лутфулло, Музаффар, Абдулло, Қутбия, Зандане, Исо, Соиб (Бобо Соиб), Ҷалил, Истам, Бедил, Ҳофиз, Ситора, Бисмил; онимҳои сохтаи асар: Комилҷон, Сиддиқиён, Наддофӣ, Ҷамолҷон, Қарабек, Табариён кӯшиш ба харҷ додааст.

Дар ин фасл аз ҷониби муҳаққиқ баррасии масъалаи нишон додани номвожаҳое, ки бо формати **-истон/-стон** пасванди маконсоз ташаккул ёфтаанд ва дар асари устод мавкеи хосса доштани он дар диссертатсия зикр мегардад, аз қабили Ҳинду+стон, Рег+истон, Дог+истон ва ғайра: ... ки онҳо ин рангҳоро аз нили Ҳиндустон тайёр мекарданд ва ғайра (с. 120-122).

Фасли дуюми боби сеюм **«Баррасии онимҳо аз нигоҳи мансубияти забонӣ»** унвон дорад. Номвожаҳои тоҷикӣ аз нигоҳи теъдод дар асар хеле зиёданд ва онҳоро муҳаққиқ аз нигоҳи муҳтаво ва сохтор ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо кардааст: Хисрави Деҳлавӣ, Усто Дӯстбои қаландгар, Мулло Бобоҷон; Деҳқон (Мулло Деҳқон); Мулло Баҳром, Мулло Шоҳ, Мулло Наврӯз, Мулло Бозор ва ғайра; онимҳои арабии асар Муҳиддин, Сироҷиддин, Абдулвоҳид, Музаффар, Сафӣ, Абдулло, Ҳабиба, Қутбия, Исо, Бедил, Ҳофиз, Афзал, Нуриддин ва ғайра; онимҳои туркӣ-узбекии асар Эргаш, Ботурбой, Қарабек, Йўлдошбой ва ғайра кӯшидааст.

Диссертант тавонистааст вобаста ба мавзуъ 10 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки ин нишондод аз сермаҳсулии унвонҷӯ дарак медиҳад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар кор баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро ба манфиати кор мешуморем:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф дар боби якуми кор дар мавриди нишон додани накши устод Садриддин Айнӣ дар рушду нумуи забони тоҷикӣ аз асари нодири Пешвои миллат «Чеҳраҳои мондагор» иктибоси зарурӣро оварда, фикру андешаи худро пурра менамуд (с. 20).

2. Дар рисола дар баъзе мавридҳо саҳми муҳаккик пурра намоён набуда, муҳаккик дар аксарияти ҳолатҳо бо пайдарпай овардани мисолҳо қонеъ гардидааст. Масалан, хуб мешуд дар саҳифаи 37-и рисола дар мавриди овардани номи одамоне, ки бо нишондоди «мулло» шакл гирифтаанд, иктибосҳоро аз рисолаҳои муҳаккиқоне, ки ба омӯзишу пажуҳиши калимаҳои арабӣ шуғл варзидаанд, оварда қайд менамуд, ки калимаи «мулло» дар забони тоҷикӣ сермаъноиро ба худ касб намуда, дар ифодаи эҳтиром ва самимият низ корбаст мешавад.

3. Дар боби дуюми рисола муҳаккик дар мавриди баррасии корбурди номвожаҳо дар инъикоси ҳаёти кишоварзӣ номвожаи ҷуғрофии Сари пулро овардааст, аммо аз чи сабаб бошад, ки зикр накардааст, ки ин номвожа дар Дараи ҳакимии водии Ҳисор дар ҳамин шакл дар айни замон мавриди истифода карор дошта, шояд сарчашмаашро аз он давр гирифта бошад, ё ин ки мардуми ин мавзеъ бо баробари муҳоҷир шудан аз ҳудуди Самарканд ин номро бо худ оварда бошанд (с.92).

4. Дар саҳифаи 120-уми рисола ҳангоми овардани антропонимҳо бо форманти «ҷон», агар муҳаккик оид ба истифодабарӣ ва мавкеи калимаи «ҷон» дар забони тоҷикӣ каме андешаронӣ менамуд, боз арзиши илмии диссертатсия меафзуд. Зеро ин калима дар забони тоҷикӣ ба чанд маъно омада метавонад.

5. Аз аксарияти адабиётҳои дар феҳристи адабиётбуда дар кор иктибос оварда нашудааст.

6. Дар саҳифаҳои 5, 6, 9, 31, 61, 63, 64-и диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасанд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳкикии Имамбердиева Саломат Менгликуловна ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дарачаи илмӣ оид ба мавзуи таҳкикшаванда нашр намудааст, мухтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳкикии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муққаризи расмӣ:**
Номзади илми филология, дотсенти
кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Абдуллоева Г. З.

**Имзои Г. З. Абдуллоеваро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
**Тел.:** +992 372325000
**Факс:** +992 372325003

10.06.2023